«Тасдиқ менамоям»
Ректори Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_______________ Файзулло М.Қ.
«__»_________ с.2023

## ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Назаров Муродалӣ Солиҳович дар мавзуи: «Тафриқабандии минтақавии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда;** Таҳқиқоти диссератсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ): 1.4. Муаммоҳои ноҳиябандии иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат аз рӯйи меъёрҳои моддӣ ва ғайримоддӣ; 1.5. Трансформатсияи ҳудудӣ-иқтисодӣ, тафриқабандии минтақавии иҷтимоӣ-иқтисодӣ; 1.22. Инкишофи бозори минтақавии меҳнат. Иқтидори меҳнатӣ дар минтақаҳо ва хусусиятҳои идоракунии он мувофиқат мекунад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Тамоми марҳилаҳои татбиқи нақшаи рисолаи диссертатсионӣ, аз ҷумла таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, ҳадаф ва вазифаҳои рисола бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Таҳқиқоти илмии докторант дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ҳангоми таълими фанҳои “Макроиқтисод”, “Иқтисодиёти меҳнат” “Иқтисод ва идоракунӣ

дар корхонаҳои агросаноатӣ”, “Таҳлили иқтисодӣ”, “Иқтисоди миллӣ” истифода гардидааст.

Муаллиф дар раванди таҳияи тавсияҳо ва пешниҳодҳои илман асоснок оид ба рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он, ҳалли мушкилоти мавҷуда, баланд бардоштани сифати зиндагӣ ва ҳавасмандии аҳолии деҳот баҳри ободонии он саҳмгузор мебошад.

**Нуқтаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар конференсияҳои сатҳи байналмилалию ҷумҳуриявӣ дар мавзуъҳои “Ҳолат ва роҳҳои таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Душанбе - 2021), “Асосҳои назариявии сифати зиндагии аҳолии деҳот ва танзими давлатии рушди соҳаи кишоварзӣ дар шароити муосир” (Душанбе - 2022), “Ҷанбаҳои назариявию услубии сатҳи сифати зиндагӣ ва роҳҳои рушди устувор дар минтақа” (Душанбе-2022), «Амнияти озуқаворӣ ва мавқеи он дар рушди устувор» (Москва-2021), “Масоили сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии минтақа дар таҳқиқоти назариявӣ” (Душанбе – 2022), “Омилҳо ва нишондиҳандаҳои муайянкунандаи сифати зиндагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Душанбе-2022) маъруза гардида, сазовори баҳои баланд гардидаанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 14 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 6 мақола дар маҷалла ва нашрияҳое, ки ба рӯйхати маҷаллаву нашрияҳо, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, ба табъ расидаанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Дар рисолаи илмии докторанти PhD Назаров Муродалӣ натиҷаҳои асосие, ки унсурҳои навоварии илмии тадқиқотро дар бар мегиранд, аз инҳо иборатанд:

- дар асоси танзими консепсия ва назарияҳои гуногуни илмӣ дараҷаву сатҳи зиндагии аҳолӣ, ҳолат ва тамоюлҳои рушду равнақи он дар

минтақа аниқ карда шуда, шарҳи муаллифии мафҳумҳои "сатҳи зиндагӣ", "сифати зиндагӣ" ва "камбизоатии дарозмуддат" пешниҳод гардида, роҳҳои рушди он, аз ҷумла тавассути бо ҷойи кор таъминкунии аҳолӣ, амалигардонии сиёсати иҷтимоии давлат, ба роҳ мондани истеҳсолоти агросаноатӣ, воридоти технологияҳои пешқадам, фаъолгардонии сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ нишон дода шудааст;

- дар натиҷаи таҳқиқот зарурати дар мадди назар гирифтани сатҳи камбизоатии дарозмуддат асоснок карда шуда, ҷиҳати дар муайяннамоии сатҳи он ба инобат гирифтани маърифати деҳот, истифодаи технологияи интенсивӣ ва арзёбии фарқияти ҳудудии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо афзалият дода шудааст;

-дар диссертатсия табиати сатҳи зиндагӣ нисбии мафҳуми "сатҳи зиндагӣ"ва тағйирпазирии он вобаста аз муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ муайян шудааст. Ин раванди мураккаби иқтисодиву иҷтимоӣ фарогири масоили марбут ба маҳдудиятҳои зеринанд: иқтидори инсон дар ҷомеа ва маҳдуд будани омилҳои рушди сатҳи зиндагии аҳолии минтақаҳо;

- алгоритми муайянсозии сатҳу сифати зиндагии аҳолии минтақа бо назардошти хислати хоси он, урфу одат, таркиби истеъмолӣ ва дигар нишондиҳандаҳои истисноӣ нишон дода шуда, пешниҳод гардидааст;

- барои бартараф намудани камбизоатии дарозмуддат муҳиммияти такмили методологияи арзёбӣ ва низоми мониторинги сифати зиндагии аҳолии минтақа асоснок карда шудааст;

- тасдиқ шуд, ки чӣ қадаре дар минтақа кишоварзӣ ҳиссаи бештар дошта бошад, ҳамон қадар сатҳи даромад ва зиндагии аҳолӣ дар он пасттар ва тафриқаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон низ дар асоси ин нишондиҳанда зиёд аст. Дар асоси ин зарурати тезонидани ҷараёни саноатикунонӣ дар минтақа асоснок карда шудааст.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии** таҳқиқот дар муайян кардани моҳият ва мундариҷаи мафҳумҳои «сифати зиндагӣ» ва «сатҳи зиндагӣ», муайян

кардани методологияи арзёбии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот иборат мебошад. Хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар фаъолияти амалӣ, инчунин, поягузории илмии мансуб ба сатҳи зиндагии мардум истифода шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълим, инчунин, дар кори ташкилотҳое, ки ба таҳлил ва пешгӯии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ машғуланд, мусоидат кунанд. Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он дар таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо истифода шуда метавонад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Чуноне ки аз шиносоӣ бо муҳтавои диссертатсияи пешниҳодшудаи докторанти PhD бармеояд, тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш мутобиқат менамояд. Довталаби дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) Назаров Муродалӣ Солиҳович ба талаботи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Дар қисмати хотимавии тақриз овардани хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистан ё надонистани довталаб ба дараҷаи илмии дахлдор.** Автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муҳаққиқ мазмун ва мундариҷаи асосии диссератсияро фарогир мебошад.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасад, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегардад:

1. Дар зербоби 1.1. ақидаҳои мунақидонаи муаллиф вобаста ба масъалаи дар ин бахш баррасишаванда кам ба мушоҳида расида, расми 1.1.

ва расми 1.2. (саҳ.17), расми 1.3. (саҳ.31), расми 1.4. (саҳ.33) ки таҳияи муаллиф мебошанд, манбаъҳои он нишон дода нашудаанд;

2. Дар зербоби 1.3. аз тарафи муаллиф яке аз нишондиҳандаҳои индекси рушди иқтидори инсон - давомнокии умр ҳангоми таваллуд (SPLR) оварда шудааст аммо истилоҳи SPLR (саҳ.53) чӣ маъно дорад, дар ин бахш ва на дар номгӯйи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ мушаххас карда нашудааст.

3. Диаграмма 2.2. (саҳ. 87), ки таҳияи муаллиф аст, аз рӯйи маълумоти омори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст, аммо соли омор нашргардида оварда нашудааст.

4. Хулоса ва тавсияҳо коркард мехоҳанд.

5. Дар диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ низ дида мешавад.

Қобили қайд аст, ки камбудиҳои пешниҳодгардида хислати ҷузъӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии кори диссератсиониро таѓйир намедиҳанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсияи тақризшаванда.**

Дар маҷмуъ, кори диссератсионӣ дар мавзуи «Тафриқабандии минтақавии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) пешниҳод гаштааст, рисолаи илмии анҷомёфта буда, хислату мазмуни илмию амалӣ дошта, муаллифи он Назаров Муродалӣ Солиҳович сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (с/м №7, аз 01.06.2023).

Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдор – 9, зид, бетараф нест.

**Раисикунандаи ҷаласа:**
и.в. мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, д.и.и.,профессор Комилов С.Ҷ.

**Котиби ҷаласа:**
н.и и.,дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Фозилхонов Д.О.

**Ташхисгар:**
д.и.и.,профессор, и.в. мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Комилов С.Ҷ.

Имзоҳои Комилов С.Ҷ. ва Фозилхонов Д.О. тасдиқ мекунам:

Сардори шӯъбаи кадрҳои ДСРТ Раҳимов А.А.

**Суроға:**
734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе к. Мирзо Турсунзода 30
Тел: (992) 37 221-35-50
E-mail: p.rektora@mail.ru
Сомона: www.rtsu.tj